# Шарҳи моҳонаи таваррум • Октябри 2020

**Баъд аз панҷ моҳи тамоюли пастравӣ доштан, сатҳи таваррум дар моҳи октябри соли ҷорӣ бинобар таъсири омилҳои берунӣ ва мавсимӣ 1,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 1,5 банди фоизӣ (б.ф.) ва ҳамин моҳи соли гузашта 1,7 б.ф. зиёд мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 3,1 фоиз (саҳм дар таваррум 1,66 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,16 б.ф.) ба амал омад. Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, дар ин моҳ раванди коҳишёбӣ дошта, ба -0,1 фоиз (саҳм дар таваррум -0,02 б.ф.) баробар шуд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, ки асосан маҳсулоти воридотӣ ва мавсимӣ мебошад, аз қабили орди навъи якум 1,2 фоиз, гӯшти гов 0,6 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,9 фоиз, шир 1,8 фоиз, **равғани пахта 16,6 фоиз, равғани офтобпараст 14,3 фоиз, тухм 22,7 фоиз, шакар 15,2 фоиз,** картошка 5,2 фоиз, пиёз 28,2 фоиз, помидор 47,1 фоиз ва бодиринг 41,3 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар моҳи октябри соли ҷорӣ аз маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи шакар (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.), равғани пахта ва офтобпараст (0,7 б.ф.), ки вазни хоси он мутаносибан дар сабади истеъмолӣ 2,2 ва 4,4 фоизро ташкил медиҳанд, ба назар расид.

Дар давоми соли ҷорӣ, бинобар сабаби ҷамъоварӣ нагардидани ҳосили хуб вобаста ба номусоид омадани боду ҳаво, кам гардидани майдони кишт ва коҳиш ёфтани ҳаҷми маҳсулоти ашёи хом барои истеҳсоли шакар ва равғани рустанӣ, нархи ин маҳсулотҳо дар кишварҳои содиркунанда тамоюли болоравӣ доштанд. Талаботи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шакар пурра (100%) аз ҳисоби воридот таъмин гардида, дар сохтори он ба кишварҳои Русия 82,6 фоиз, Белорусия 16,8 фоиз, Покистон 0,5 фоиз ва Украина 0,1 фоиз рост меояд.

Истеҳсоли равғани рустанӣ дар кишвар танҳо 13,0 фоизи талаботи дохилиро қонеъ намуда, боқимонда аз ҳисоби

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта, бо % моҳона**




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



воридот таъмин мегардад. Дар сохтори воридоти равғани рустанӣ ба ҷумҳурӣ асосан аз кишварҳои Русия 58,0 фоиз, Қазоқистон 20,4 фоиз ва Ӯзбекистон 17,8 фоиз рост меояд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи октябри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи сӯзишвории сахт 5,6 фоиз (бахусус ангишт 5,9 фоиз), маводи сохтмонӣ 0,7 фоиз, маводи шустушӯӣ 1,7 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба -0,1 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи арзоншавии нархи хизматрасонии манзилию коммуналӣ ба андозаи -1,1 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи октябри соли ҷорӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, ба 8,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 1,9 б.ф. ва ҳамин давраи соли гузашта 1,2 б.ф. зиёд мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, асосан омилҳои мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва таклифотии вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ (шакар, равғани рустанӣ ва болоравии нархи онҳо дар кишварҳои содиркунанда), маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ, паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ замина гузошт.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро нисбатан инъикос менамояд, дар моҳи октябри соли ҷорӣ 1,0 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 3,2 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабилӣ равғани рустанӣ) саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | 2020 | | | | | Октябр моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Июл | Сентябр | Октябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **7,7** | **6,6** | **8,5** | **1,8** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **9,7** | **7,6** | **11,7** | **3,3** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 23,9 | 15,1 | 11,5 | 0,5 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | 0,6 | -0,4 | -1,1 | -1,2 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 33,1 | 19,0 | 14,4 | 1,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 9,2 | 5,9 | 6,2 | 0,6 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 9,8 | 5,7 | 6,7 | 0,6 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | 12,8 | -2,1 | 19,5 | 22,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 7,6 | 4,2 | 0,7 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 12,8 | 8,1 | 6,4 | 1,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 5,9 | 7,2 | 21,0 | 13,7 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 9,9 | 11,5 | 1,0 | -6,0 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,2 | -3,0 | 15,9 | 5,1 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | -3,9 | 13,1 | 30,5 | 15,2 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -0,3 | -2,1 | -2,0 | 0,2 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **2,8** | **6,2** | **5,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **3,4** | **5,0** | **4,5** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,3** | **5,8** | **5,5** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 3,7 | 4,1 | 4,0 | 0,3 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 7,6 | 8,0 | 7,6 | 0,7 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 6,4 | 7,0 | 8,9 | 1,7 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 13,7 | 12,6 | 8,2 | -0,4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -3,1 | -1,2 | -3,6 | -1,8 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 4,4 | 14,8 | 18,0 | 5,6 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,4 | 2,8 | 2,8 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 9,1 | 7,5 | 8,3 | 1,5 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **6,6** | **5,0** | **4,7** | **-0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 14,6 | 4,9 | 3,5 | -1,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 1,7 | 2,8 | 3,4 | 0,5 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 26,8 | 28,1 | 19,5 | -5,5 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 1,5 | 4,6 | 3,7 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 8,6 | 8,8 | 0,2 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,7 | 7,7 | 9,3 | 1,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 1,9 | 0,5 | 0,4 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 2,6 | 4,2 | 1,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо